# ПРОТОКОЛИ № 12

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

30 марти соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

**Раиси шуро:** Муродзода А.А.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд тасдиқгардида 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Қурбонзода Х. ва аъзои комиссия Қурбонова Ш.И. ва Қобилова Б.Т. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

-Абдуллоев Маҳмуд Холович – доктори илмҳои таърих, профессори

кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

- Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад – доктори илмҳои таърих, и.в.префессор, сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии "Донигоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав" тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 9 июли соли 2026, соати 13:$^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор - 13, муқобил -нест, бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих, дотсент Муродзода А.А.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори
фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси таърих Мирзоев Ш.Ҷ.

30 марти соли 2026